**Тақризи роҳбари илмӣ**

**ба диссертатсияи Раҳмонова Ҷамилахон Абдуҳамидовна дар мавзӯи “Коркарди технологияи маҳсулоти функсионалии қаннодии ордӣ бо иловаи ашёи ғайрианъанавӣ дар мисоли топинамбур” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.18.01 – Технологияи коркард, нигоҳдорӣ ва коркарди хӯшагиҳо, лӯбиёгиҳо, маҳсулоти ғалладона, мевагию полезӣ ва ангурпарварӣ**

Раҳмонова Ҷамилахон Абдуҳамидовна соли 2007 Филиали Хуҷандии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси “Технологияи истеҳсоли равғани растанӣ” бо дипломи аъло хатм намудааст.

Айни ҳол Ҷамилахон Раҳмонова ҳамчун омӯзгори калони кафедраи технологияи маҳсулоти хӯрокаи факултаи муҳандисӣ-технологии ДПДТТХ ба номи академик М.С.Осимӣ фаъолият бурда истодааст.

Мавзуи кори диссертасионии Раҳмонова Ҷ.А. вобаста ба ҳадафи чоруми миллӣ - саноаткунонии босуръати кишвар ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №658 аз 31.12.2008с. самтҳои афзалиятноки илмӣ тадқиқотӣ ва рушди таъминоти илмии комплекси агросаноатӣ, инчунин ба “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҶТ) барои давраи то соли 2030” дар асоси муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни ҶТ “Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон” (Душанбе, 2016), Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ” (АМОҶТ с.2012., №4, мод. 272) пурра мувофиқ мебошад.

Дар раванди фаъолият корҳои илмӣ-амалӣ тадқиқотии худ Раҳмонова Ҷ.А. бисёр фаъол буда, тавонист технологияи маҳсулоти озуқаворӣи функсионалии қаннодии ордӣ бо истифодаи консентрати топинамбурро коркард намуда, ба истеҳсолот пешкаш намояд.

Ҳангоми таҳияи диссертатсия унвонҷӯ Ҷ.А. Раҳмонова худро ҳамчун мутахассиси баландихтисос, муҳаққиқи мақсаднок, мустақил, масъулиятшинос

ва эҷодкор нишон дод.

Хуб донистани воситаҳо ва асосҳои назариявии омӯзиш, майли ба низом даровардан ва ҷамъбаст намудани маводҳо дар сатҳи баланди илмӣ, дуруст иҷро намудани тафсири натиҷаҳо, эҷодкорӣ ва донишмандӣ имкон дод, ки Раҳмонова Ҷ.А. диссертатсияро бо муваффақият ба анҷом расонад.

Мубрамии мавзӯи диссертатсия дар он дарҷ мегардад, ки тадқиқот ва коркарди технологияи маҳсулоти функсионалӣ аз консентрати топинамбур барои истеҳсоли маҳсулоти қаннодии ордӣ ва вояи оптималии хокаи топинамбур ба таркиби хамири кулчақанд бо мақсади бой кардани он бо ашёи

хоми дорои инулин дошта бо вояи оптималии топинамбури 10% ба массаи орди,
муайян карда шуд.

Мазмун ва натиҷаҳои асосии тадқиқоти ӯ дар конфронсҳои илмию амалӣ ва семинарҳои ҳайати профессорону омӯзгорони Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон, дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмиллалӣ дар шакли баромаду маърӯзаҳои илмӣ пешниҳод ва муҳокима карда шуданд.

Натиҷаҳои асосии тадқиқоти илмӣ дар дар диссертасия оварда шуда дар 11 мақола, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаву нашриёҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст, инчунин 1 нахустпатент ва 2 санади ҷорӣ намудани натиҷаҳои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар истеҳсолот гирифта шудааст.

Корҳои нашршуда ва автореферет таркиби асосии диссертасияро иникос мекунад. Аз рӯи мазмун ва мундариҷаи илмӣ, услуби навиштани диссертасия ва автореферат диссертасияи муаллиф мувофиқи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми "Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо ва авторефератҳо барои дарёфти дараҷаҳои илмӣ" ба табъ расонида шудааст.

Аз ин лиҳоз, кори диссертатсионии Раҳмонова Ҷамилахон Абдуҳамидовна дар мавзӯи "Коркарди технологияи маҳсулоти хӯрокии функсионалӣ аз растании лӯбиёгӣ" натиҷаи тадқиқоти илмии анҷомёфта буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми «Коркарди технология ва дастурамали маҳсулоти қаннодии ордӣ бо иловаи ашёи ғайрианъанавӣ дар мисоли топинамбур» банди 31 ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори гирифтани унвони илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.18.01 – Технологияи коркард, нигоҳдорӣ ва коркарди хӯшагиҳо, лӯбиёгиҳо, маҳсулоти ғалладона, мевагию полезӣ ва ангурпарварӣ мешуморам.

**Роҳбарӣ илмӣ:**
Дотсент, доктори илмҳои кишоварзӣ,
мудири кафедраи агротехнология ва экологияи саноат,
Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии
Тоҷикистон ба номи ак. М.С.Осимӣ
дар ш. Хуҷанд (ДПДТТХ), **Рашидов Н.Ҷ.**
**Тел. моб.:** +992 92 720 5057
**Почтаи эл.:** naimrashidov-tj@mail.ru

Имзои дотсент, д.и.к. Н.Ҷ. Рашидовро тасдиқ менамоям:
Мудири ШК ДПДТТХ **Ёқубова М.А.**

**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, хиёбони И.Сомонӣ 226.

10/06/2023с.